**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Ба андешаи унвонҷӯ рози шудан мумкин аст, ки бонкдории исломӣ, ки тадриҷан дар иқтисодиёти аксари кишварҳои ҷаҳон мавқеъ пайдо кард, тавонист нишон диҳад, ки дар қиёс бо бонкҳои анъанавӣ талаботи истеъмолкунандагонро сифатан беҳтар қонеъ мекунад. Ба таври дигар, амсилаи пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси принсипҳои шариат бо манъи ситонидани фоизҳо, номуайянӣ, манфиатҷӯӣ ва хавфҳои беасос ба талаботи аксарияти субъектҳои хоҷагидорӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Ин зарурият боиси он гардид, ки солҳои 2013-2014 Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тақвияти рушди ҳамкориҳо бо созмонҳои бонуфузи исломӣ суханронӣ намуда, ҳамкорӣ бо онҳоро муҳим арзёбӣ карданд.

Вобаста ба татбиқи ҳадафҳои созандаи роҳбари давлат ва ҳукумати кишвар дар сатҳи низоми бонкӣ ташкил намудани бонкдории исломӣ барои ташкили муҳити рақобати солими байнибонкӣ шарти зарурӣ буд. Воқеан дуруст аст, ки бо шарофати истиқлолият ва ба даст овардани суботи пурраи сиёсӣ, роҳандозӣ гардидани марҳилаи созандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод, ки фаъолияти муассисаҳои молиявии исломӣ омӯхта шуда, дар заминаи имониятҳои мавҷуда тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад. Ташаккули бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҷдиди низоми бонкӣ, васеъ кардани доираи фаъолияти бонкҳо, ташкили муҳити рақобати бонкӣ, ҷалби сармоя аз давлатҳои исломӣ ва ҷалби маблағҳои ба лоиҳаҳои исломӣ нигаронидашуда, диверсификатсияи амалиётҳои бонкӣ, тақвият додани таваҷҷуҳ ба сармоягузории бонкҳо ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии кишварро дорад, ки ҳамаи ин

масъалаҳоро унвонҷӯ Раҳмонов З.А дар таҳқиқоти илмии худ мавриди баррасии ҳаматарафа қарор додааст. Новобаста аз оне, ки кори унвонҷу мустақилона анҷомшуда ва дорои муваффақиятҳои калони илмӣ мебошад, боз ҳам беҳтар мегардид, агар ба масъалаи зерин аҳамияти аввалиндараҷа дода мешуд:

Дар кор сатҳи хавфҳои бонкдории исломӣ бо низоми бонкдории анъанавӣ муқоиса ва мавриди таҳлили қарор дода нашудааст. Ба ақидаи инҷониб, агар чуниң таҳлили муқоисавӣ сурат мегирифт, бартариятҳои рақобатии бонкдории исломӣ (агар бошанд) ва сатҳи устувории бештари он нисбат ба бонкдории анъанавӣ ошкор мегардид.

Новобаста аз ин қайд кардан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисод, профессои**
**кафедраи назарияи иқтисод – и МДТ Донишкадаи**
**иқтисод ва савдои ДДТТ** **Азимов Абдумавлон Ҷалилович**

**Нишонӣ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ, 169
**Телефон: (+992) 22-6-03-21**
**E-mail: iet@mail.ru**

**Дурустии имзои д.и.и. профессор Азимов А.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям**

**Мудири шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси МДТ ДИС ДДТТ** **Маҳмудов Ш.У.**

Муассисаи давлатии Донишгоҳи давлатии Ҳуҷанд дар шаҳри савдои Тоҷикистон Донишкадаи иқтисод ва савдо
Шӯъбаи кадрҳо